# *Тартиби истифодаи банкомат ва POS-терминал аз ҷониби нафақахӯрон*

**РОҲНАМО**

Пайвастшавӣ ба **SMS-паёмак** барои нафақахӯрон ройгон буда, Шумо метавонед ба рақамҳои телефоне, ки дар корти пластикӣ навишта шудааст, дар тамос шуда, ба **SMS-паём** пайваст шавед!

## SMS - паёмак

Ба телефони Шумо SMS - паёмак оид ба ворид шудани нафақа ба корти нафақавӣ дохил шуд





**Пас аз ворид шудани SMS паёмак оид ба дохил шудани нафақа ба корти нафақавӣ Шумо метавонед онро бо 2 роҳ гиред:**



## 1. Истифода бурдани банкомат

**Барои иҷрои амалиёт дар банкомат, амалҳои зеринро анҷом диҳед:**




1. Навори магнитии корти пардохтиро ба поён карда, ба банкомат дохил кунед. Нишонаи рамзии Бонк бояд дар кунҷи болоии тарафи рости/чапи корти пардохтӣ ҷой гирифта бошад;




2. Бо истифода аз тугмачаҳои канории экрани банкомат забони зарурии амалиётро интихоб намоед: тоҷикӣ, англисӣ ё русӣ.



3. Пас аз интихоби забон, банкомат аз Шумо дархост менамояд, ки Рақами мушаххаси худ (ПИН-код)-ро ворид намоед. Пас, онро бо пахш кардани тугмачаи «ENTER», ки дар клавиатураи банкомат ҷойгир аст, тасдиқ намоед;

**!**

- Рамз (PIN-код)-и худро азёд намуда, онро махфӣ нигоҳ доред. Ба бегонагон (ҳатто онро ба кормандони Бонк) ҳам нагӯед.
- Шумо то се маротиба кӯшиши хато доровардани рақами мушаххасро доред. Пас аз се кӯшиши бебарори доровардани рақами мушаххас, банкомат корти шуморо мусодира менамояд ё онро бозмедорад!
- Шумо метавонед рамз (PIN-код)-и худро бо истифода аз банкомат иваз намоед!



4. Дар экрани банкомат амалиёти “Гирифтани пул”-ро, интихоб карда, тугмачаи “Enter” – ро пахш намоед.



5. Дар экрани банкомат номгӯи ҳаҷми маблағ (андозаи маблағ)- ро интихоб намоед.

**!** Агар маблағи дархостшавандаи Шумо дар экран набошад, пас тугмачаи “Дигар маблағ”-ро пахш намуда, рақами маблағи мехостагии худро рақамчинӣ намоед.
Ҳангоми ворид намудани маблағи зарурбуда ба ин диққат диҳед: аз рӯи қоида он бояд ба миқдори яклухт баробар бошад, (яъне он бебақия тақсим шавад): 50 сомонӣ, 100 сомонӣ, 500 сомонӣ ва ғ.
Дар сурати чидани рақами нодурусти маблағ, банкомат онро қабул намекунад, барои ислоҳи он Шумо адади дурустро бичинед.

Пас аз анҷоми амалиёт гирифтани маблағ ва кортро фаромӯш накунед. Ба телефони Шумо SMS - паёмак оид ба маблағи гирифташуда ворид мешавад.




**Шумо ҳамчунин имкон доред ва метавонед бо истифода аз корти нафақавии худ арзиши харидро дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ ғайринақдӣ пардохт намоед.**



## 2. POS - терминал

Кортро бо шиноснома гирифта ба МХБ ва филиалҳои БДА “Амонатбонк” рафта, амалҳои зеринро иҷро намоед:

1. Кортро ба нозир ё хазинадори филиал ё МХБ-и ташкилотҳои қарзии молиявӣ диҳед.



2. Аз Шумо хоҳиш карда мешавад, ки барои гирифтани маблағи дархостӣ пин-код (рақамҳои махфӣ)-ро ворид намоед



3. Ба телефони Шумо SMS - паёмак оиди маблағи гирифташуда ворид мешавад.




**!** **Шумо метавонед аз дигар банкомат ва Pos-терминалҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ низ истифода баред! Вале дар хотир дошта бошед, ки гирифтани маблағи нафақа ё санҷиши бақия аз онҳо ройгон нест.**